# ТАВСИЯИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов Саидкул Суяркулович дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Уструшана** ҳамчун яке аз вилоятҳои бузурги таърихию фарҳангӣ таваҷҷуҳи муаррихон, ҷуғрофидонҳо, сайёҳони асримиёнагӣ, муҳаққиқони давраи тоинқилоб, шуравӣ, ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Доир ба марҳилаҳои гуногуни таърих ва тамаддуни Уструшана таълифоти зиёде вуҷуд дорад. Аммо бисёр саҳифаҳои гузаштаи Уструшана ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳқиқ нагардидаанд ва муҳаққиқони худро интизор аст. Доир ба таърих ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, адабии муаллифони асримиёнагӣ маълумоти фаровон мавҷуд аст. Ҷамъоварӣ, таҳлил, ба низом даровардан, аз нигоҳи илмӣ арзёбии онҳо ва дастраси доираҳои илмӣ ва мардум гардонидани ин маълумотҳои нодир вазифаи муҳими илми таърихнигорӣ ва муаррихони замони мо ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ ва муайян кардани мақсаду ҳадафи таҷқиқоти унвонҷӯ Маҳкамов С. – таҳқиқу омӯзиши ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана дар давраи ҳукмронии Сомониён аҳамияти муҳими илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад.

Объект ва предмети таҷқиқоти мазкур пажуҳиши ҳамаҷониба ва комплексии ҷуғрофиёи таърихӣ, таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии Уструшана дар пояи маълумоти маъхазҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ, қайду осори сайёҳони гуногун ва таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ дар асрҳои IX-X мебошад.

Саҳми муаллифи диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ба ӯ муяссар шудааст, дар пояи истифодаи сарчашмаҳои гуногун, маъхазҳои хатии асримиёнагӣ, таҷқиқотҳои муҳаққиқони гуногун тамоми масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқотро ҳамаҷониба мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор

додааст. Яке аз хусусиятҳои муҳими диссертатсия ғанӣ будани пояи сарчашмавӣ ва фарогирии маълумот ва иттилооти фаровони осори хаттӣ ва таълифоти муаррихон, бостоншиносон, ховаршиносон ва дигар муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллифи диссертатсия малакаи кор карда тавонистан бо сарчашмаҳо, ки соҳаи душвор, вале муҳими татқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад, нишон дода, худро чун пажуҳишгари мустақил ва ташаккулёфта муаррифӣ намудааст.

Ҷанбаи муҳим ва навоварӣ дар татқиқоти мазкур истифодаи далелҳои нав, шарҳу тавзеҳи илмии онҳо ва дастраси доираҳои илмӣ гардонидани маълумот ва иттилооти тоза доир ба мавзуи татқиқот мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқу омӯзиши мавзуи интихобкардааш, ба даст овардани натиҷаҳо дар тадвин, тарҳрезӣ ва баёни нуктаи назар ва андешаҳои муаллиф, ҷамъоварӣ, омӯхтан, ба низом даровардани маводи нав, ки аксарияти онҳо бори нахуст ба доираи илм ворид карда шудаанд, интишори мақолаҳо оид ба мавзуи таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия баъзе натиҷаҳо ва хулосаҳои худро дар мақолаҳои илмии худ интишор намудааст, ки шумораи онҳо 32 ададро ташкил намуда, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи нашрияҳои пешбари тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба чоп расидаанд. Метавон гуфт, ки мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои татқиқоти Маҳкамов С. тавассути мақолаҳои илмии нашршуда ва гузоришу маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун дастраси доираҳои илмӣ гаштаанд. Бо мақсади минбаъд идома додани таҳқиқу омӯзиши мавзуи мазкур муаллиф як зумра пешниҳодот ва тавсияҳои мушаххасро пешкаш намудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов С. дар мавзуи “Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)” аз лиҳози мазмун,

муҳтаво, баёни мавзуъ таҳқиқоти мустақилона ва мантиқан ба анҷом расида мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамов С. аз рӯи мазмун, сохтор, мубрамият, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ, илмӣ, маърифатӣ ва амалии худ таҳқиқоти мукаммал буда, он ба талабот ва меъёрҳои муайян ва мушаххас намудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимояи расмӣ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои**
**таърих, дотсенти кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»** **Ш.Шарифов**

5.04.24

**Имзои Ш.Шарифовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **З.Ҳусейнова**


**Маълумот дар бораи муассиса:**
**Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (992-3422)6-52-73; E-mail: rector@hgu.tj**